**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзӯи "Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Муносибатҳои иқтисодие, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифтааст, бе ислоҳоти низоми ҷории баҳисобгирӣ ва ҳисобот мувофиқи мақсад инкишоф ёфта наметавонанд. Яке аз самтҳои ояндадори ин соҳа гузариш ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошад. Хисоботи молиявӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аз ҷониби ҳамаи субъектҳои хочагидорӣ таҳия ва пешниҳод мегардад. Сарфи назар аз тафовути мавҷудбуда дар шаклу мазмун, ки вобаста ба шароити иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишварҳои мухталиф ба миён омадаанд, мақсади ҳисоботи молиявӣ - ин то ҳадди ниҳоӣ қонеъ гардонидани доираи васеи истифодабарандагон мебошад.

Бисёре аз муассисаҳои молиявӣ мувофиқи талаботи қонунӣ аллакай маҷмӯи чораҳоро барои таъмини инъикоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи СБҲМ анҷом дода истодаанд. Лекин бо вуҷуди ин, ташкилотҳое ҳастанд, ки ҳоло ҳам гузаришро ба СБҲМ идома медиҳанд.

Мутахассисоне, ки бо ҳамқадами замон қадам мегузоранд, аллакай ба роҳи таҳаввулот қадам гузоштаанд ё ба раванди мураккаби татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ омодагӣ мебинанд, аҳамияти мубодилаи касбии таҷрибаҳои муассир ва нокомиҳо ҳангоми ҷорӣ намудани СБҲМ дарк мекунанд.

Мақсади ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ ин пешниҳод намудани маълумот дар бораи вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият ва тағйирот дар вазъи молиявии ташкилот дар ҳолати мо, бахши бонкӣ, ки ба доираи васеи истифодабарандагон лозим аст (яъне истеъмолкунандагони хизматрасонии бонк) ҳангоми қабули қарорҳои иқтисодӣ. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ҳар як бонки тиҷоратӣ бояд раванди табдилдиҳии ҳисоботи молиявиро, ки тибқи стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, ташкил кунад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Исоев Д.Т. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақти ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлилу омӯзиши ташкили таҳияи муқарраароти назариявӣ, тавсияҳои ташкилию методӣ ва амалӣ оид ба такмили низоми ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот муносибати ҳамаҷонибаро дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба такмили таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ дар шароити истифодабарии СБҲМ зоҳир мегардад дар бар мегирад.

Муаллиф дар асоси шарҳи адабиёти илмӣ ба хулосае омадааст, ки муаммоҳои истифодабарии СБҲМ дар низоми миллии баҳисобгирӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ баррасӣ карда шуда, муҳаққиқон зарурияти гузариши субъектҳои хоҷагидории ватаниро ба СБҲМ асоснок ва ҷонибдорӣ менамоянд. Ба ақидаи муаллиф гузариш ба СБҲМ бевосита ба рушди низоми бонкии кишвар, муносибатҳои байналмиллалии бонкҳо бо дигар бонкҳои бузурги ҷаҳонӣ низ таъсир мерасонад. Барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ муаллиф сабабҳои истифодабарии СБҲМ дар бонкҳоро номбар карда ва афзалиятҳои истифодабарии онҳоро муайян кардааст. Муаллиф дар автореферат тасдиқ мекунад, ки сиёсати баҳисобгирӣ муҳимтарин ҳуҷҷати меъёрии пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии ташкилот ба ҳисоб меравад. (саҳ. 11). Дар автореферат аз тарафи муаллиф марҳилаҳои таҳияи сиёсати баҳисобгирии бонк тибқи СБҲМ пешниҳод гардида афзалиятҳои истифодабарии онҳо муайян карда шудааст. (саҳ. 12)

Унвонҷӯ асосҳои назариявӣ ва консептуалии моҳияти ҳисоботи молиявии бонкҳоро такмил дода, тафсири муаллифии мафҳумҳои “ҳисоботи бонкӣ”, “низоми ҳисоботи молиявии бонк”, “ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ” ва “ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” пешниҳод кардааст. (саҳ.13)

Муаллиф дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда, талаботи СБҲМ ва таҷрибаи андӯхташудаи амалӣ методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ (расми 3 саҳ.18) ва алгоритми таҳияи стандарти дохилӣ “Тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк” (расми 5 саҳ.21) пешниҳод намудааст.

Дар автореферат таҷрибаи байналмилалӣ барои баҳодиҳии сифати ҳисоботи молиявӣ амсилаҳои (моделҳои) Бенфорд, F-Score Д. Пиотровский, M-score M. Бениш, M-score M. Роксас, F-Score Слоан ва ғайраҳо истифода мешаванд нишон дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки аз байни амсилаҳои номбаршуда M-score M. Бениш (1999) ва M-score M. Роксас (2011) дар амалия бештар истифода бурда мешаванд.(саҳ.21)

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидаи (ҷадвалҳои 2 саҳ.22, ҷадвали 3 саҳ. 23, ҷадвали45 саҳ. 24) муаллиф ба таркиби нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолияти бонкҳо илова намудани 5 индикатори молиявиро пешниҳод намудааст.(саҳ.26)

Тавре, ки муаллиф дар мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Исоев Д.Т. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии таҳқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст оварад.

Умуман, унвонҷӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Унвонҷӯ дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда, талаботи СБҲМ ва таҷрибаи андӯхташудаи амалӣ методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуиро таҳия намудааст (расми 3 саҳ.18). Яъне дар натиҷаи истифодабарии пешниҳодҳои муаллиф чӣ гуна тағйиротҳо ба миён омаданашон мумкин аст ва ба кадом натиҷаҳо расидани низоми бонкӣ аниқ мешуд боз хубтар мешуд.
2. Дар таҳқиқот таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии арзёбии саҳеҳият ва сифати ҳисоботи молиявии бонкҳо вазифагузори шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи ягон кишвари хориҷиро дар ин раванд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар қобили қабул аст, нишон медод.
3. Ҳамчунин, дар баъзе ҷадвалҳо сарчашмаи таҳияашон нишон дода нашудааст, танҳо таҳияи муаллиф ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намоям, ки автореферати диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзӯи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – “Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ**
**Мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Олимӣ Р.Л.**

**Имзои н.и.и., дотсент Олимӣ Р.Л.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Сайдуллозода З.С.**
28 январи соли 2025

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1.**
**Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 775 11 11**